**ТАСДИҚ КАРДА ШУД:**

Бо Қарори Шӯрои

Нозирони ҶСК “Ориёнбонк”

№ ____

аз «____»____________2022с.

**ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

Бо Қарори Раёсати

ҶСК “Ориёнбонк”

№_____

аз «____»_________2022с.

ОРИЁНБОНК

# Шартҳои махсуси шартномаи қарзи “Муҳоҷири меҳнатӣ”дар ҶСК “Ориёнбонк”

**ш. Душанбе – 2022с.**

# ШАРТҲОИ МАХСУСИ ШАРТНОМАИ ҚАРЗИ “МУҲОҶИРИ МЕҲНАТӢ”

Шартҳои махсуси шартномаи қарзи “Муҳоҷири меҳнатӣ” (минбаъд – Шартнома) аз лаҳзаи аз ҷониби Бонк ва Қарзгир ба имзо расонидани Шартҳои инфиродии шартномаи қарзи “Муҳоҷири меҳнатӣ” басташуда, ҳисобида мешавад.

## 1. Мазмуни шартнома

1.1. Бонк уҳдадор мешавад, ки ба Қарзгир қарзи хурд, ба маблағи то 15 000 сомонӣ (минбаъд-Қарз), бо мақсади харидори намудани чипта ва хароҷотҳои сафари роҳ ба муҳоҷирати меҳнатӣ, ба муҳлати то 24 моҳ пешниҳод намояд. Қарзгир уҳдадор мешавад, ки дар муҳлати муқарраршуда маблағи Қарзро баргардонад ва фоизҳои онро пардохт намояд.

1.2. Қарз ба Қарзгиранда бо тариқи нақдӣ ва ё ғайринақдӣ бо роҳи гузаронидани маблағи Қарз дар ҳаҷми пурра ба суратҳисоби корти бонкии Қарзгир дар ЧСК “Ориёнбонк” кушода шуда, дода мешавад. Бонк аз Қарзгир барои барориш ва хизматрасонии корти бонкӣ подош меситонад.

1.3. Қарзгир уҳдадор мешавад, ки баргардонидани қарзро ва пардохти фоизҳоро тибқи ҷадвали пардохт, амал намояд.

1.4. Меъёри самараноки фоизи солонаи қарз дар ҳолати ғайринақдӣ ___% - ро ташкил медиҳад. Меъёри самараноки фоизи солонаи Қарз дар ҳолати нақдӣ ___% - ро ташкил медиҳад. Барои ҳисоб намудани фоизи Қарз баҳисобгирии шумораи рӯзҳои тақвимии солона 360 рӯз (як моҳ 30-рӯз) дар назар дошта мешавад. Бонк метавонад бо назардошти таърихи қарзии қарзгир ва таҳлили пардохтпазирии қарзгир фоизҳои солонаро дар сурати муроҷиати такрории баъди бо таври дахлдор пардохт кардани қарзи мазкур фоизҳои солона то ду банд коҳиш диҳад барои қарзҳои ғайринақдӣ (___% - ___%), барои қарзҳои нақдӣ (___% - ___%).

## 2. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои Тарафҳо

**2.1. Бонк уҳдадор аст:**

2.1.1. Дар асоси шартҳои шартномаи мазкур ба Қарзгир қарзро пешниҳод намояд.

**2.2. Қарзгир уҳдадор аст:**

2.2.1. Қарзро мақсаднок истифода барад.

2.2.2. Баргардонидани қарз ва пардохти фоизҳои ҳисобшударо тибқи ҷадвали пардохт амалӣ намояд.

2.2.3. Дар сурати батаъхир мондани пардохти қарз ва фоизҳои он ноустуворона бо илова кардани 50% аз меъёри фоизи муҳлатноки қарзи додашуда барои ҳар як рӯзи батаъхирафтодаи маблағи қарз, пардохт намояд.

2.2.4. Бо Шартҳои умумии шартномаи қарзи истеъмолӣ, ки дар сомонаи Бонк www.orienbank.tj ҷойгир аст, ҳангоми бастани шатномаи мазкур онҳоро риоя намояд.

**2.3. Бонк ҳуқуқ дорад:**

2.3.1. Аз иҷроиши шартномаи мазкур дасткашӣ намуда, аз Қарзгир пеш аз муҳлат пардохти қарз, фоиз ва дигар пардохтҳоро барои давраи истифодаи воқеии қарз дар мавридҳои зерин талаб намояд:

2.3.1.1. Ғайримақсаднок истифода бурдани қарз аз тарафи Қарзгир;

2.3.1.2. Ҳангоми аз тарафи Қарзгир иҷро накардани уҳдадориҳо тибқи ҷадвали пардохт дар давоми як моҳ;

2.3.1.3. ҳангоми муайян кардани воқеияти аз ҷониби Қарзгир ба Бонк пешниҳод кардани маълумот ва ҳуҷҷатҳои нодуруст (бардуруғ) ҳангоми бастани шартнома.

**2.4. Қарзгир ҳуқуқ дорад:**

2.4.1. Аз гирифтани қарз дасткашӣ намояд ва бо ин васила Бонкро 1 (як) рӯзи корӣ пештар то гирифтани қарз огоҳ намояд.
2.4.2. Қарзро пеш аз муҳлат баъд аз пардохт намудани фоизҳо барои истифодаи қарз бе ситонидани ноустуворона пардохт намояд.

## 3. Таъмини иҷрои уҳдадорӣ

3.1. Таъминоти иҷрои баргардонидани қарз, пардохти фоиз ва дигар хароҷотҳои Бонк аз рӯи шартномаи замонат ва шартномаи амволи ба гарав гузошташуда амалӣ мегардад.
3.2. Дар сурати иҷро нашудани уҳдадориҳои Қарзгир тибқи банди 3.3.-и шартномаи мазкур, Бонк ситонидани амволи ба гарав гузошташударо (Шартномаи замонат ва шартномаи амволи ба гарав гузошташуда) тибқи тартиби ғайрисудӣ мутобиқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ба фурӯш баровардани амволи ба гарав гузошташуда амалӣ менамояд.
3.3. Дар ҳолате, ки агар маблағҳои аз ҳисоби фурӯши амволи ба гарав гузошташуда барои пурра ҷуброн кардани талаботҳои Бонк нокифоя бошанд, Бонк ҳуқуқ дорад, ки маблағи нокифояро аз ҳисоби амволи дигари Қарзгир ва зомин ситонад.

## 4. Мӯҳлати амали шартнома

4.1. Шартнома аз лаҳзаи имзо шуданаш ба қувваи қонунӣ даромада, то пурра баргардонидани маблағи қарз, пардохти фоизҳои ҳисобшуда ва иҷрои дигар уҳдадориҳои Қарзгир амал мекунад.

## 5. Махфият

5.1. Таҳти маълумоти махфӣ дар банди мазкур маълумоти дорои сирри бонкӣ, тиҷоратӣ ва хизматии ҳар яке аз тарафҳои шартномаи мазкур фаҳмида мешавад. Ингуна маълумот дастрасии озод надошта, дорои арзиши ҳақиқӣ ва эҳтимолӣ мебошад ва барои тарафе, ки онро ифшо мекунад, метавонад зарар орад.
5.2. Ифшои маълумоти махфӣ, аз ҷумла паҳн кардан ва пешниҳоди он ба шахсони сеюм манъ карда мешавад, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.
5.3. Дар ҳолати ифшои маълумоти махфӣ тарафи гунаҳгор мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тарафи дигар, ки дар натиҷаи ифшои маълумот зарари молиявӣ гирифтааст, ҷуброн мекунад.
5.4. Маълумоти Қарзгир дар бораи қарз, аз ҷумла дар сурати пардохт накардани қарз аз тарафи Қарзгир, ба Бюрои таърихи қарзӣ пешниҳод карда мешавад.

## 6. Ҳалли баҳсҳо

6.1. Ҳамагуна баҳсҳо ва ихтилофҳое, ки аз шартнома ва ё ба он алоқаманд метавонанд ба миён оянд, тарафҳо бо тартиби то судӣ тариқи гуфтушунид ҳал менамоянд.
6.2. Дар ҳолати ғайриимкон будани ҳалли баҳсҳо бо тартиби ғайрисудӣ, баҳсҳои алоқаманд ба шартнома ва ё аз он бармеомада, дар судҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.

## 7. Муқарарроти хотимавӣ

7.1. Қарзгир тасдиқ менамояд, ки бо шартнома ва шартҳои умумии шартномаи қарзи “Муҳоҷири меҳнатӣ” дар сомонаи Бонк www.orienbank.tj ҷойгир буда, шинос шудааст, мазмун ва муҳтавои онҳоро мефаҳмад, бо онҳо розӣ аст ва уҳдадор аст онҳоро риоя намояд.